# ТАҚРИЗ

ба автореферати кори диссертатсионии Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта», ки ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 040 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17– Ҷарроҳӣ, пешниҳод шудааст.

Масъалаи табобати шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта доимо дар мадди назари ҷарроҳон қарор дорад ва хусусияти махсусро дорост.

Перитонити паҳнгашта айни замон яке аз оризаҳои вазнинтарини бемориҳои шадиди ҷарроҳии узвҳои ковокии шикам ба ҳисоб меравад, ва ба тағйири тактикаи табобат эҳтиёҷ дорад. Пеш аз ҳама душвориҳои ба таври аниқ арзёбӣ кардани ҳолати бемор ва саҳеҳ муайян кардани марҳилаи беморӣ гарави муваффақиятҳо дар табобати чунин ҳолати мудҳиш, шуда метавонад.

Аз ин рӯ даҳсолаҳои охир баландшавии эътибори аҳли илм ба гузарондани таҳқиқотҳои илмӣ дар ин соҳа ба назар мерасад.

Таъминоти сифати кумаки таъҷилӣ ҳангоми перитонити паҳнгашта ва тағйри тактикаи табобати он, пайдошавии самтҳои нави таҳқиқотро дар ин соҳа сабабгор мешавад, ва ба муҳиммияти таҳқиқоти иҷрошуда ишора менамояд.

Яке аз масъалаҳои муҳими ҷарроҳии таъҷилӣ ин табобати саривақт ва самараноки шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта мебошад, ки ба пастшавии сатҳи фавтият аз чунин ориза мусоидат мекунад. Ин ҳам ҷарроҳони амалиро ба тағйири тактикаи табобати перитонит, водор месозад.

Самаранокии интихоби тактикаи мусоиди табобати перитонити паҳнгашта бо усули тақсимоти марҳилаҳо арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари он бояд алгоритми ташхисӣ-табобатӣ сохта шавад, ки дар асоси он чунин интихоб самаранок бошад. Агар аз автореферат қазоват кунем, диссертант ин масъаларо бо муваффақият ҳал менамояд. Албатта такмилдиҳии минбаъдаи қадамҳо дар самти пешгӯии оқибати перитонити паҳнгашта ба ҳалли масъалаи табобати самараноки он саҳми худро мегузорад.

Далелҳои зикргардида ба зарурати таҳқиқотҳои илмӣ барои такмили амиқи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати оптималии перитонити паҳнгашта, ишора менамояд. Мувофиқи автореферати тақризшаванда, таҳқиқот дар он ба қадамҳо маҳз дар ҳамин самт бахшида шудааст.

Кори доктории Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» дар чаҳорчубаи лоиҳаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи «Бемориҳои ҷарроҳии №1 ба номи академик Қурбонов К.М.» муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар мавзӯи «Стратификатсияи хатар ва такмили тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» барои солҳои 2022-2026 иҷро карда шудааст ва навгонии илмиро дорост.

Диссертант ба таври илмӣ зарурати пешгӯии оқибати табобати перитонити паҳнгаштаро дар заминаи арзёбии ҳолати бемор ва ворид намудани ҷабҳаи нав – яъне ба эътибор гирифтани ҳолати дохилиыаррощии морфологии ковокии шикам ҳангоми перитонити паҳнгашта – асоснок намудааст.

Диссертатсияи Сараев А.Р. ба масъалаҳои муҳими арзёбии вазнинии ҳолати бемор, пешгӯии оқибати он ва интихоби тактикаи мувофиқи табобати самараноки беморон бо чунин ҳолати мудҳиш бахшида шудааст.

Муаллиф усулҳои соддаи арзёбии вазнинии ҳолати беморони гирифтори перитонити паҳнгашта дар асоси таснифи коркарди клиникааш, пешниҳод мекунад.

Дар асоси чунин арзёбӣ ва тадқиқотҳои васею амиқи худ дар ҷодаи дараҷаҳои гуногуни беморӣ, муаллиф алгоритми интихоби тактикаи муносиби табобатро пешниҳод менамояд.

Саҳми биомаркерҳо дар алоҳидагӣ ва дар панел омухта шуда хулосаҳои самаранокии онҳо дар муайанкунии дараҷа ва марҳилаи равиши перитонити паҳнгашта нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд ба диссертант самаранокии ҷорӣ намудани усулҳои таҳқиқотӣ ва табобатиро ба амалияи ҷарроҳӣ исбот созад. Принсипҳои онҳо дар алоҳидагӣ дар автореферати диссертатсия ба таври мухтасар, аммо пурмаъно нишон дода шудааст.

Аз ҳама диққатҷалбкунанда натиҷаҳои таҳқиқот оид ба тақсимоти беморон ба гурӯҳҳои релапаротомияи барномавӣ ва талаботӣ бо муайаннамоии интихоби тактикаи табобат аст. Аз ҷониби диссертант алгоритми муайянкунии дараҷаи вазнинии ҳолати беморон бо перитонити паҳнгашта ва интихоби тактикаи табобат, яъне намуди муносибат ҳангоми перитонити авҷгиранда баъд аз ҷарроҳии аввалия, коркард ва пешниҳод шудааст.

Кори диссертатсионии ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз мавқеи амалӣ муҳиммияти махсусро дорост, зеро ки истифодабарии технологияҳои муосирро низ дар поксозиҳои марҳилавии ковокии шикамро дар бар мегирад.

Дар ин ҷода усули худи клиника коркард шудааст ва мувофиқи алгоритм амал менамояд.

**Хулоса:**

Дар асоси автореферати пешниҳодшуда метавон гуфт, ки кори диссетатсионии Сараев Алишер Раҳматуллоевич дар мавзӯи «Оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва интихоби тактикаи табобати перитонити паҳнгашта» барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17 - Ҷарроҳӣ, инъикоси пурраи кори тахассусии илмӣ мебошад, ки дар он масъалаи илмии оптимизатсияи пешгӯии оқибат ва таҳияи алгоритми табобати шаклҳои вазнини перитонити паҳнгашта, ки барои ҷарроҳон муҳим аст, ҳал карда шудааст.

Асари диссертатсионии пешниҳодшудаи Сараев Алишер Раҳматуллоевич мувофиқи навгонии илмии худ, эътимоднокии амалӣ, аз ҳаҷми таҳқиқотҳои гузаронда ва муносибати методологӣ пурра ба ҳамаи меъёрҳо, аз ҷумла фасли 3, банди 32 дастури "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №267 аз 30 июни соли 2021, ки барои диссертатсияҳо барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои тиббӣ пешбинӣ шудааст, ҷавобгӯ аст, ва муаллиф ба ноил шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои тиб аз рӯи ихтисоси 14.01.17 – Ҷарроҳӣ, сазовор аст.

**Мудири кафедраи "Амалияи ҷарроҳӣ ва анатомияи топографӣ ба номи профессор Каримов М.К." МДТ "ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино", д.и.т.** **Қурбонов Ҷ.М.**

имзои/подпись Қурбонов Ҷ.М.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ ..
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ ...
«03» 05 2023 с/г